# Мактуби иттилоотӣ

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки рӯзҳои 10-11-уми октябри соли 2024 ба муносибати бузургдошти Фирдавсӣ конфронси севуми байналмилалии илмӣ - амалиро дар мавзуи “Ҷуғрофиёи таърихӣ ва фарҳангии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ баргузор намоянд.

## Мавзуъҳои меҳварии конфронс:

1. Ҷуғрофиёи таърихии “Шоҳнома”.
2. Ҷойномҳои ҷуғрофӣ.
3. Давлатҳо ва хонадонҳо дар «Шоҳнома»
4. Ойини кишвардорӣ ва аносири он дар «Шоҳнома».
5. «Шоҳнома» ва воқеияти таърихӣ.
6. Масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар «Шоҳнома.
7. Сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии «Шоҳнома».
8. Доду диҳиш дар «Шоҳнома»
9. Асотир дар «Шоҳнома».
10. «Шоҳнома» ва «Авасто»
11. Паёмҳои Фирдавсӣ дар «Шоҳнома».
12. Фирдавсӣ ва эҳёи Ориёно.
13. Шинохти ҳувияти миллӣ дар «Шоҳнома»
14. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ - ҳамосаи миллӣ.
15. Тарҷума, нашр ва таҳқиқи «Шоҳнома» дар Шарқу Ғарб.
16. Тақаддуси обу оташ дар «Шоҳнома»
17. Нақди чопҳои «Шоҳнома».
18. Ҳунари шоирии Фирдавсӣ.
19. Забон, тарзи баён ва сабки «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.
20. Бозтоби ҷашнҳои ориёӣ дар «Шоҳнома» (Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон).
21. Фарҳанг ва мусиқӣ дар «Шоҳнома».
22. Ҷойгоҳи Фирдавсӣ дар адабиёти ҷаҳон.
23. Ахтаршиносӣ ва гоҳшуморӣ дар «Шоҳнома».
24. «Шоҳнома» ва муҳити зист.

Барои ширкат дар конфронс унвон ва матни маърузаро то 1-уми августи соли 2024 ба нишонии электронии зер пешниҳод намоед: safinaabodulloeva77@bk.ru

Забони кори конфронс – тоҷикӣ, англисӣ.

Риояи меъёрҳои нигориши мақолоти илмӣ – аннотатсия, калидвожаҳо ва маълумот дар бораи муаллиф (ба ду забон: тоҷикӣ, англисӣ) ҳатмист.

Ҳаҷми мақола бояд аз 1 ҷузъи чопӣ зиёд набошад.

Мақола ба ҳуруфи Tames New Roman, андозаи ҳарф 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 ҳуруфчинӣ гардад.

Интихоб ва таъйиди мақолаҳо бар уҳдаи шахсони масъули кумитаи тадорукоти конфронс аст.

Маводи кофронс дар шакли маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ба табъ мерасад.

Ҳазинаи ширкат дар конфронс бар уҳдаи ширкаткунандагон аст.

Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21; www.izar.tj.

Тел: 227-29-07; 227-75-50; (+992) 904-46-23-87

**Сомонаҳои муассисаҳои марбут ба конфронс**: https://anrt.tj/; https://izar.tj; merosikhatti.tj;

Даричаи сабти номи ширкаткунандагони конфронс